# ТАҚРИЗ

**ба автореферат ва диссертатсияи Ҳакимзода Файзали Исматулло дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси асари «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод мегардад.**

Дар забоншиносии тоҷик оид ба ҷумлаҳои мураккаби тобеъ асару мақолаҳои зиёде ба табъ расидаанд. Дар ин самт хизмати олимони маъруфу шинохтаи тоҷик, ба монанди Б. Ниёзмуҳаммадов, Д. Тоҷиев, Ш. Рустамов, М. Қосимова, Х. Ҳусейнов, С. Атобуллоев, Ф. Зикриёев, хеле калон аст. Вале то ҳамин қарибиҳо омӯзиши ҷумлаи пайрави пуркунанда аз назари муҳаққиқони соҳа дур монда буд. Доир ба ин навъи ҷумла фақат дар китобҳои дарсӣ ва баъзе мақолаҳо гузоришоти мухтасаре ба назар мерасиду халос, вале ба тариқи рисолаи илмӣ мавриди таҳқиқот қарор дода нашудааст, аммо ин пажуҳишот дар ин самт нахустаҳқиқ мебошад. Табиист, ки ин маълумотҳо вижагиҳои гуногуни ҷумлаи пайрави пуркунандаро комилан дар бар намегирифтанд. Инак, чунин ҷои холиро дар забоншиносии тоҷик таҳқиқоти муфиди Ш. Рустамов «Ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забони адабии ҳозираи тоҷик» то андозае пурра намуд.

Масъалаи таҳқиқи ҷумлаҳои мураккаб дар радифи самтҳои нави илми забоншиносии муқоисавӣ таҳқиқу таҳрир карда мешавад. Омӯзиши ин зуҳурот дар солҳои 40-уми қарни XX шуруъ шудааст. Муассиси омӯзиш ва пажуҳиши ҷумлаҳои мураккаби забони англисӣ аз рӯйи маълумоти мо аъзои мухбирони академияи илмҳои собиқ ИҶШС В.Н. Яртсева мебошад, ки ҳанӯз кори илмии худро дар соли 1940 ба ин мавзуъ бахшида буд. Дар забоншиносии тоҷик аввалин масъалаи таҳқиқоти ҷумлаҳои мураккаб ба таълифоти забоншиносони машҳури тоҷик Д. Тоҷиев ва Ф. Зикриёев вобаста мебошад.

Охири солҳои 60-уми қарни гузашта ду мақолаи Ҳ. Каҳҳорова роҷеъ ба ҷумлаҳои мураккаби пайваст аз нашр баромаданд. Аксарияти маълумотҳо роҷеъ ба ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва тобеъ дар қисмати дуввуми китоби дарсии забони тоҷикӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олӣ оварда шудааст, ки соли 1963 аз нашр баромадааст. Дар давоми ҳамин

солҳо муаммои марбутаро забоншиосони тоҷик, амсоли А. Эшонҷонов, Ш. Рустамов, Ф. Зикриёев тахти омӯзиш ва таҳқиқ қарор додаанд. Инчунин, якчанд маълумотҳои дигар оид ба ҷумлаҳои мураккаби забони тоҷикӣ дар грамматикаи академии муассисаҳои олӣ низ оварда шудааст, ки дар он ҳам перомуни масъалаи фавқ ба таври иҷмолӣ таҳқиқот анҷом ёфтааст, он ҳам бошад, ба омӯзиши жарфтар ниёз дорад. Гузашта аз ин, бояд ишора намуд, ки перомуни масоили ҷумлаҳои мураккаб дар забони адабии ҳозираи тоҷик соли 2004 як рисолаи комил аз ҷониби забоншинос К.Қаландаров анҷом дода шудааст, ки муаллифи диссертатсия аз он низ ба таври густурда истифода намудааст.

Илова бар он, муҳаққиқ Ҳакимзода Ф.И. ҳангоми таҳқиқ ва пажуҳиши масъалаи мазкур, аз осори мондагори забоншиносони ватаниву хориҷӣ, аз қабили Ш.Рустамов, Д.Тоҷиев, Н.Бозидов, М. Қосимова, Х. Ҳусейнов, С. Атобуллоев, Ф. Зикриёев, К. Қаландаров, аз забоншиносони англис, амсоли С.Л.Барбер, М.Моррис, Б.А.Илиш, А.С.Баф, Ҷ.Л.Брук, Е.Еквол, Б.Ериксон, Б. Фисаик ва Е.Ҷейсик ба маврид истифода намудааст, ки таҳқиқоти анҷомдодаи ӯ нахустаҳқиқ дар соҳаи забоншиносии муқоисавӣ-типологӣ ба шумор меравад.

Диссертатсияи таҳқиқнамудаи муҳаққиқ Ҳакимзода Ф.И. аз муқаддима, ду боб, ҳашт фасл, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат буда, он фарогири 173 саҳифаи чопи компютерӣ мебошад.

Боби якуми дисертатсия роҷеъ ба ***«Асосҳои назариявии таҳқиқи ҷумлаҳои пайрави пуркунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»*** унвон дошта, он чор фаслро дар бар мегирад.

Боби дуюми диссертатсия бошад перомуни ***«Хусусиятҳои типологии ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»*** ном дошта, аз чор фасл иборат мебошад, ки ҳар фасли он бо натиҷагириҳо ва хулосабарориҳои муаллифи рисола мавриди баррасӣ ва таҳқиқи амиқ қарор гирифтааст.

Дар фишурдаи рисола доир ба масоили мубрам будани мавзуъ, аҳаммияти илмию назариявӣ, дараҷаи омӯхта шудани мавзуъ, манбаи таҳқиқот, навгонии таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот ва ғайра ба таври мушаххас баён шудааст. Мақсади диссертант Ҳакимзода Ф.И. дар

муқаддима ва ду боби диссертатсия баён гардида, муаллиф онро дар сатҳи зарурӣ анҷом додааст.

Аз фишурдаи диссертатсия маълум аст, ки масъалаи назариявии марбут ба мавзуъ пурра омӯхта шудааст ва бо интихоби дурусти усули таҳлил, таҳқиқу арзёбии яке аз масъалаҳои муҳимми бахши наҳвӣ забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шудааст.

Мубрамияти таҳқиқот дар он аст, ки бори нахуст таҳлили муқоисавии ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар асоси асари «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ мавриди таҳлилу муқоиса қарор гирифтааст. Таҳқиқоти мазкур барои муҳаққиқониояндаи илми забоншиносии муқоисавӣ-типологӣ маводи хуби илмӣ буда метавонад.

Натиҷа ва хулосаҳои таҳқиқот низ эътимодбахш буда, манобеи илмӣ ва назарии ба мавзуи диссертатсия иртиботдошта мавриди истифода қарор гирифтааст, ки онҳо дар феҳрасти адабиёт бо риояи тартиби алифбо зикр гардидаанд.

Дар баробари комёбиҳо бояд зикр кард, ки дар фишурдаи диссертатсия баъзе камбудиҳо ва ғалатҳои техникӣ, имлоӣ ва услубӣ ба чашм расид, ки ислоҳи онҳо танҳо ба хотири беҳбудии сифати кор аст:

1. Дар диссертатсия пайи ҳам иқтибосҳоро овардан, кори шоҳиста нест. Чунин ҳолат дар саҳифаи 9-и фишурдаи диссертатсия ба чашм мерасад.
2. Хуб мешуд, ки диссертант бештари таваҷҷуҳи таҳқиқоти худро ба рисолаву корҳои манзуми забоншиносон ва типологони русу англис такя менамуд, то ки ҳусну фасоҳати диссертатсия дигаргун мегашт.

Камбудӣ ва нуқсонҳои зикргардида наметавонад аз арзиши аслии диссертатсия ва фишурдаи тақризшаванда чизе коҳонад. Бинобар ин, дар асоси мазмуну муҳтавои диссертатсия метавон ба хулосае омад, ки муқаддима ва бобҳои дохилии диссертатсия тавонистаанд, иттилои арзишмандеро дар бораи хусусиёти корбасти ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бозгӯ намоянд. Аз ин рӯ, диссертатсияи номзадии Ҳакимзода Файзали Исматулло кори илмии баанҷомрасида буда, ба талаботе, ки КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардааст, ҷавобгӯ мебошад. Фишурдаи

диссертатсия ва силсилаи мақолоте, ки диссертант Ҳакимзода Файзали Исматулло перомуни мавзуъ дар маҷаллаҳои илмии таъйиднамудаи КОА чоп кардааст, муҳтавои диссертатсияро инъикос намудаанд.

Ба ҳамин тариқ, диссертатсияи Ҳакимзода Файзали Исматулло дар мавзуи ***«Таҳлили муқоисавии ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси асари «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)»*** ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
номзади илмҳои филологӣ,
муаллими калони кафедраи тарҷума ва
грамматикаи забони англисии МДТ- и
«ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров» **Усмонова Рухшона Раҳматовна**

«Имзои Р.Р. Усмонова-ро тасдиқ мекунам»
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ- и «ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров» **Сайдуллозода З.С.**

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд
гузаргоҳи Мавлонбеков, 1
**Телефон:** 92 973 32 37
**E-mail:** usmonova.rukhshona@mail.ru

«17» «феврал» 2025